# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

## *Иттиҳоди Аврупо ба Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии Тоҷикистон барои харидории таҷҳизот 100,000 евро ҷудо намуд.*

**Душанбе, 3 июли соли 2013** – Имрӯз Иттиҳоди Аврупо, дар чорчӯбаи лоиҳаи “Дастгирии фаъолияти самаранок ва таъсирбахши Донишкадаи молиявии Тоҷикистон” ба Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 адад компутер, 4 лаҳваи фаъоли электронӣ, 6 принтер, 4 проектор, 2 факс, 2 сервер, 2 шаҳодатномаи барномаи бухгалтерӣ ва таҷҳизоти ёрирасонро супорид. Арзиши умумии таҷҳизот ба 100,000 евро (тақриба 630,000 сомонӣ) баробар буда, аз ҷониби ширкати ТИ «Online Datensysteme GmbH», Берлин, Олмон таъмин гардид.

Таҷҳизоти номбурда дар Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии Тоҷикистон (ДМИТ) бо мақсади беҳтарсозии сифати маълумоти олӣ дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ (ИМД), ташкили сохтори муосири алоқаи дохилӣ ва идоракунии ҳайати кормандон, таҷдиди пояи техникӣ ва беҳтарсозии сомонаи амалкунандаи Донишкада ва инчунин барои баланд бардоштани сифати таълим тариқи технологияи муосир ва нашри маводҳои дарсӣ истифода бурда мешавад. Ҳамзамон, ин таҷҳизот барои курсҳои дистансионии омодашудаистода истифода мешавад.

Иштироки Роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМ), Вазири молия, ҷаноби Наҷмиддинов, Муовини аввали вазири молия ҷаноби Нуралиев, Сардори Котибот оид ба идоракунии молияи давлатӣ, ҷаноби Сохибов ва Ректори Донишкада, ҷаноби Мирбобоев аз он шаҳодат медиҳад, ки ислоҳоти соҳаи Идоракунии Молияи Давлатӣ барои ислоҳоти Донишкада тақвият мебахшад. “Баландравии сифати Донишкада дар соҳаи таълим ва тадқиқоти молияи давлатӣ дар ҳисоби охир дониши шахсони мансабдорро, ки дар Вазорати молия ва раёсатҳои давлатӣ кор мекунанд, беҳтар мегардонад, зеро Вазорат кормандони нави Донишкадаро ба кор ҷалб менамояд ва ин амал имконияти моро барои хизмати ватан беҳтар мегардонад” – гуфт Вазири молия.

“Мо аз он умедворем, ки саъю кӯшиши якҷояи мо ба баландшавии сифати ҳам дониш ва ҳам тадқиқотҳо дар соҳаи молияи давлатӣ меорад ва барои баландшавии сифати системаи идоракунии молияи давлатии Тоҷикистон дар оянда тақвият мебахшад” – гуфт Сафири Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, ҷаноби Эдуард Ауэр. Илова бар ин ӯ иброз намуд, ки сомонаи нави Донишкада хуб пазируфта шуд ва ӯ ният дорад, то ҳамаи амалиёти ба нақша гирифта то охири сол бомуваффақият ба анҷом расад.

Кӯмаки машваратии бо арзиши 1млн. евро дар чорчӯбаи лоиҳаи “Дастгирии фаъолияти самаранок ва таъсирбахши Донишкадаи Молиявии Тоҷикистон” пешниҳод гардидааст. Лоиҳа саҳми худро ба барномаҳои ислоҳот, идоракунӣ, иҷроиши иқдомҳо, равобити байналмилалӣ ва таҷдиди Сомонаи Донишкада расонида, то охири соли ҷорӣ идома меёбад. Ин кумак низ дар чорчубаи Барномаи ҳамаҷониба фарогирандаи “Ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ” бо арзиши 8 млн. евро барои солҳои 2014-2016 идома меёбад.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ лутфан ба Борис Петков – рохбари лоихаи **“Дастгирии фаъолияти самаранок ва таъсирбахши Донишкадаи молиявии Тоҷикистон”** bpetkov@fininstitute-eu.tj муроҷиат намоед.

---

Лоиҳа амалӣ мегардад:

Суроға:

Тел:

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунъёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои бидуни сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат ба маблағи тақрибан 25 млн. евро кӯмак фароҳам менамояд.